**Бо қарори Раёсати**
**Бонки миллии Тоҷикистон**
**аз 26 октябри соли 2020, №141**
**"тасдиқ шудааст"**

# Тартиби гузаронидани санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ

Тартиби гузаронидани санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - Тартиб) бо мақсади ошкор намудани ҳолатҳои поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавассути гузаронидани санҷиши маълумоти нашрнамудаи чунин ташкилотҳо таҳия шуда, барои истифодаи хизматӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ва раванди гузаронидани санҷишҳои фосилавии (минбаъд - санҷиш) ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва пайдарҳамии мӯҳлати гузаронидани онҳо, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои онҳоро муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Вазифаи санҷиш ҳамчун яке аз низомҳои пешогаҳӣ тавассути санҷиши низомнок, дар марҳилаи ибтидоӣ ошкор намудани ҳолатҳое мебошад, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - истеъмолкунандагон) таҳдид мекунанд.

2. Санҷишҳо раванди низомноки таҳлили фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси маълумоти пешниҳодшаванда/нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба истеъмолкунандагон тавассути маводи оммавии иттилоотӣ, маводи иттилоотии инфиродӣ, инчунин дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастрасшуда барои гузаронидани санҷиши мутобиқати онҳо ба талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бо мақсади муайян кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва хавфҳои поймолсозии ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон гузаронида мешаванд.

3. Дар рафти санҷишҳо:

– вайрон кардани талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ошкор мегардад;

– сабабҳои қонунвайронкуниҳо баррасӣ мешавад;

– оқибатҳои қонунвайронкуниҳо баҳогузорӣ мегардад;

– барои бартарафсозии онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

4. Саривақт ва дуруст ошкорсозии хавфҳои поймолсозии ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагон ва муайянкунии вазифаҳо ҷиҳати пешгирии онҳо имкон медиҳад, ки самаранокии умумии назорат тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои назоратӣ ва банақшагирии санҷишҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ баланд бардошта шавад.

5. Тартиби мазкур равандҳои зарурӣ ва ҳатмии санҷишҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро дар бар гирифта, дар рафти санҷиш, эҳтимолияти ташаббускорӣ ва гузаронидани дигар равандҳои иловагиро истисно намекунад. Воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба гузаронидани санҷиш - Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд - Идора) мебошад.

## БОБИ 2. САМТҲО, ОМОДАГӢ ВА МУҲЛАТИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ ФОСИЛАВӢ

6. Санҷишҳо дар самтҳои зерин гузаронида мешаванд:

- санҷиши маълумоти дар сомонаҳои расмӣ ва саҳифаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашрнамуда;

- санҷиши маълумот дар маводи иттилооти оммавӣ ва инфиродӣ, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ нашр мекунанд.

7. Санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси нақшаи солонаи гузаронидани санҷишҳо (минбаъд - Нақшаи санҷиш) гузаронида мешавад. Нақшаи санҷиш  аз тарафи Идора тартиб дода шуда, пас аз мувофиқа бо муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон - сарпарасти Идора, аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

8. Санҷишҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби шуъбаи баррасии муроҷиатҳо ва назорати ташкилотҳои молиявии Идора (минбаъд - шуъба) гузаронида мешаванд.

9. Шуъба дар асоси Нақшаи санҷиш на дертар аз панҷ рӯз то оғози ҳар як санҷиш барои ҳар як самти санҷиш барномаи (реҷаи) санҷишҳоро омода месозад, ки аз ҷониби сардори Идора тасдиқ карда мешавад.

10. Идора берун аз барномаи санҷишҳо метавонад санҷишҳои мақсаднок/мавзӯӣ (дар сурати зарурат) гузаронад. Дар ин ҳолат, аз тарафи шуъба барномаи гузаронидани санҷишҳои мақсаднок/мавзӯӣ таҳия карда шуда, аз ҷониби сардори Идора тасдиқ мегардад. Барномаи санҷиши мақсаднок/мавзӯӣ бояд дорои маълумоте бошад, ки дар бандҳои 14 ва 15 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст.

11. Санҷишҳои ғайринақшавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ инчунин бо супориши роҳбарияти Бонки милии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

12. Агар дар интиҳои санҷиш дуршавӣ аз барномаи ибтидоии тасдиқгардида ошкор гардад, корманди санҷишгар ба сардори Шуъба шарҳи дақиқ дар бораи барномаи банақшагифташуда ва дуршавӣ аз онро пешниҳод менамояд.

13. Кормандони санҷишгар, ки барномаи санҷишро омода месозанд, инчунин уҳдадор мебошанд, ки ҳисоботҳо дар бораи санҷишҳо, эродҳо ва пешниҳодҳоро таҳия намоянд.

14. Барномаи санҷиш инҳоро дар бар мегирад:

- асосноккунии зарурати санҷиш;
- манбаи иттилооти санҷишшаванда;
- мақсад ва самтҳои санҷиш;
- мухлатҳои гузаронидани санҷиш;
- номгӯи ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- ному насаби санҷишгарон;
- дигар маълумоти муҳим.

15. Барномаи санҷиш инчунин маълумот дар бораи шумораи кормандон ва соатҳои корӣ барои санҷиши фосилавии ҳар як самт ҷудошударо дарбар мегирад. Ғайр аз ин, афзалиятнокии самтҳои санҷиш муайян карда мешавад. Вақти барои ҳар як самти санҷиш ҷудогардида дар асоси таҷрибаи санҷишҳои қаблӣ, мақсадҳои санҷиш, шумораи санҷишгарон ва ғайра муайян карда мешавад. Дурнамоҳо оид ба миқдори зарурии соатҳо барои ҳар як самти санҷиш дар оянда бояд бо натиҷаҳои воқеӣ муқоиса карда шаванд.

16. Барномаҳои санҷиш бояд воситаи амалисозии назорат аз болои гузаронидани корҳои санҷишӣ бошанд.

17. Санҷиш дар ҳар як самт бо ҷамъоварии маълумот оид ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ оғоз мегардад.

18. Бо мақсади санҷидани дурустии маълумот, дастрасии маълумот дар бораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз дигар сарчашмаҳо низ муҳимияти зиёд дорад. Муқоисаи чунин маълумотҳо аз нуқтаи назари муайян намудани хавфҳои пинҳонӣ метавонад муфид бошад.

19. Бо мақсади таъмини самаранокӣ ва пайдарҳамии санҷишҳо инчунин истифодабарии маълумотҳои зерин зарур мебошад:

- маълумоти аз воҳидҳои сохтории иҷозатномадиҳандаи Бонки миллии Тоҷикистон гирифташуда;
- аризаҳои ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳоднамудаи истеъмолкунандагон, натиҷаҳои таҳлили онҳо ва ҳисоботҳои таҳияшуда;
- натиҷаи таҳлилҳо ва ҳисоботҳо аз рӯи зангҳои телефонӣ, ки ба телефонӣ боварии Бонки миллии Тоҷикистон ворид шудаанд;
- маълумотҳои аз дигар воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дастрасшуда;
- маълумоти дар мактубҳо ва огоҳиномаҳои аз номи Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи гузашта ва давраи ҷорӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ ирсолгардида;
- натиҷаҳои санҷиши дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ гузаронидашуда;
- иттилоот ва маълумоти аз манбаъҳои дигари боэътимод дастрасгардида.

20. Дар ҳолати зарурӣ барои гузаронидани таҳлил, Идора метавонад аз дигар сохторҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон маълумотҳои иловагиро дастрас намояд.

## БОБИ 3. РАВАНДҲОИ АМАЛИСОЗИИ САНҶИШҲОИ ФОСИЛАВӢ ВОБАСТА БА САМТҲО

21. Дар вақти санҷиши ҳар як самт санҷишгар фаҳмо, дақиқ, пурра, муқоисашаванда ва саривақтӣ будани маълумоти пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии молиявиро муайян месозад. Санҷишгар бояд санҷад, ки оё истеъмолкунанда ба осонӣ иттилооти нашрнамуда ё пешниҳодшударо хонда ва фаҳмида метавонад.

22. Санҷишгар таҳлил менамояд, ки оё иттилооти санҷидашаванда дар ҳар як самт ба талаботи қонунгузорӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон равона гардидаанд, мухолифат дорад.

23. Санҷишгар дурустии маълумотро таҳлил намуда, онро бо маълумотҳои ҳамонанди аз дигар самтҳои санҷиш дастрасгардида, ки дар бандҳои 18-20 дарҷ гардидаанд, бо мақсади муайян намудани ба ҳамдигар мухолифат надоштани онҳо муқоиса менамояд.

24. Дар ҳолате, ки иттилооти санҷидашаванда дорои шумора ва баҳогузории мутлақ ва ё тахминӣ бошад (масалан, ба рақамҳои пешниҳодшуда иборaҳои ″зиёда аз″, ″тақрибан“ ё ″беҳтарин“, ″муносиб“ ва ғайраҳо ҳамроҳ шуда бошанд), санҷишгар бояд боварӣ ҳосил кунад, ки рақамҳои пешниҳодшуда дар шакли камшуда ё афзудашуда оварда нашудаанд.

25. Агар маълумот нишондиҳандаҳои фоизи самаранокро дар бар гирифта бошад, санҷишгар бояд дуруст ҳисоб карда шудани онҳоро санҷад.

26. Санҷишгар дурустии маълумоти дар воситаҳои ахбори омма нашрнамударо ошкор ва баррасӣ менамояд ва набудани ихтилоф дар маълумоти ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшуда ва дар воситаҳои ахбори омма нашрнамударо санҷида, муайян месозад, ки онҳо тасодуфӣ ва натиҷаи камбудии техникӣ набуда, барқасд таҳриф нашудаанд.

27. Ҳангоме ки дар маълумоти нашрнамуда муқоисаҳо ҷой дошта бошанд, санҷишгар санҷиш менамояд, ки оё чунин муқоисаҳо бамавриданд ва сарчашмаи онҳо саҳеҳ ва боэътимод ҳастанд ё не. Ба сифати сарчашмаи санҷиш метавонад маълумоти нашрнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон истифода карда шавад.

28. Санҷиши маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар сомонаҳо ва саҳифаҳои онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо мақсади мутобиқати он ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

29. Санҷишгар мавҷудият ва муҳтавои иттилоот дар бораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, хизматрасониҳои пешниҳодшуда, механизми тамоси мутақобила, хадамоти телефони боварӣ, хизматрасониҳои онлайн, фаъолияти ҳисобкунакҳои насбшудаи қарзию/маблағгузории исломӣ пасандозӣ/пасандозҳои исломӣ ва

дурустии истинодҳои овардашударо тафтиш менамояд. Санҷишгар бояд боварӣ ҳосил намояд, ки истинодҳои дар саҳифаҳо ва сомонаҳо овардашуда на танҳо фаъол ҳастанд, балки дар онҳо иттилооти дар сарлавҳаи истинод зикршуда мавҷуд аст.

30. Санҷишгар бояд ҷой надоштани сомонаҳои ба ҳам монандро, ки метавонанд аз рӯи номгӯ ва нишонии ташкилоти қарзии молиявии санҷишшаванда истеъмолкунандагонро ба гумроҳӣ баранд, санҷида барояд ва боварӣ ҳосил намояд, ки ташкилоти қарзии молиявӣ танҳо як сомонаи расмӣ дорад.

31. Дар сурате, ки дар сомонаи ташкилоти қарзии молиявӣ ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ ҳалли/бартарафкунии таъҷилиро талаб кунад ё масъала хусусияти техникӣ дошта бошад, ки онро ба осонӣ метавон ислоҳ намуд, санҷишгар бо розигии роҳбари воҳиди сохтории худ бо корманди дахлдори ташкилоти қарзии молиявӣ дар тамос шуда, камбудии ошкоршударо бо мақсади андешидани чораҳои зарурӣ баҳри бартарафсозии он, ба иттилоъ мерасонад. Дар мавриди ошкорсозии ҳар ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ дар сомонаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар шабакаи иҷтимоӣ, санҷишгар ҳамчун асос ҳолатеро қайд менамояд, ки айни замон дар экрани компютер тавассути функсияи “Print Screen” аксбардорӣ шудааст, то ин ки ба таври возеҳ моҳ, сана ва соати он аниқ бошад.

32. Санҷишгар чунин ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳоро дар ҷузвдони (папкаи) дахлдоре, ки барои ҳар як ташкилоти қарзии молиявӣ вобаста ба самтҳои дахлдори санҷиш дар компютер кушода шудааст, нигоҳдорӣ/бақайдгирӣ менамояд.

33. Дар сурати ошкор кардани ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ санҷишгар тибқи Замимаи №4-и Тартиби мазкур ҳисобот омода менамояд.

34. Санҷиши маводи иттилоотии оммавӣ ва инфиродӣ бо роҳи дастрас намудани чунин мавод аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ ё муҳтавои онҳо тибқи тартиби муайяннамудаи Тартиби мазкур ва бо роҳи санҷиши мутобиқати маводи дар рафти санҷиш гирифташуда ба талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

35. Ҳангоми санҷиши варақаҳои (бюллетенҳои) иттилоотӣ на танҳо ба мундариҷаи онҳо, балки ба шакл ва тарҳи онҳо диққат дода мешавад.

36. Санҷишгар санҷиш ва таҳлил менамояд, ки оё шакл, сохтор ва тарзи барасмиятдарории иттиллооти пешниҳодшуда истеъмолкунандагонро ба гумроҳӣ мебарад ё не.

37. Санҷишгар оид ба ошкорсозии ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳо тибқи Замимаи №5-и Тартиби мазкур ҳисобот тартиб медиҳад ва дар давоми чор рӯзи корӣ онро барои мувофиқасозӣ ба сардори шуъба ва Идора пешниҳод менамояд.

38. Сардорони шуъба ва Идора ҳисоботро дар давоми панҷ рӯзи корӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Тартиби мазкур баррасӣ намуда, дар ҳолати зарурӣ ба он тағйирот медароранд.

39. Пас аз он, ҳисобот тибқи тартиби ҳуҷҷатгузории Бонки миллии Тоҷикистон рақамгузорӣ гардида, маълумоти дахлдор дар бораи навъи ташкилоти қарзии молиявӣ ва самти санҷиш пур карда мешавад.

40. Минбаъд ҳисобот (Замимаи №4-и Тартиби мазкур) дар мувофиқа бо сарпарасти Идора ба Раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

41. Дар ҳолати ошкор кардани вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон, аз ҷониби Идора дар асоси ҳисоботи ишорашуда (Замимаи №4-и Тартиби мазкур) дар давоми чор рӯзи корӣ мутобиқи моддаи 48-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва "Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон" чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ барои дар оянда татбиқ намудан муайян карда шуда, дар ин хусус ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон гузориш пешниҳод карда мешавад.

## БОБИ 4. БАҚАЙДГИРӢ ВА ҶАМЪБАСТИ САНҶИШ

42. Ҳисобот оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳои ошкоргардида вобаста ба ҳар як ташкилоти қарзии молиявӣ, инчунин асосҳо, бояд рақамгузорӣ гардида, дар ҷузвдони (папкаи) мувофиқ ба муҳлати на камтар аз се сол нигоҳ дошта шаванд.

43. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, маводи дар давраи санҷиш ҷамъоваришуда ва дигар ҳуҷҷатҳои ба онҳо алоқаманд дар ҷузвдони (папкаҳои) ҷудогона оид ба санҷиш нигоҳ дошта мешаванд.

44. Ҳуҷҷатҳо дар ҷузвдонҳо (папкаҳо) вобаста ба санҷиш бо тартиби зерин нигоҳ дошта мешаванд:

- давраҳои санҷиш;

- самтҳои санҷиш;

- шакл ва номи ташкилоти қарзии молиявӣ.

45. Ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳои дар рафти санҷиш ошкоргардида дар феҳристи электронии санҷишҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - Феҳрист), ки дар папкаи (ҷузвдони) “санҷиш” нигоҳ дошта мешавад, сабт карда мешаванд.

46. Ба воридшавӣ ба Феҳрист ба сардори Идора (иҷрокунандаи вазифаи сардори Идора), сардори шуъба ва кормандони шуъба иҷозат дода мешавад.

47. Феҳристи ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳо бо тартиби зерин пур карда мешавад:

- номи ташкилоти қарзии молиявӣ;

- самти санҷиш;

- навъи хизматрасонӣ;

- сабт дар бораи муайян кардани ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ ва муҳтавои он;

- ном ва насаби шахси тартибдиҳандаи ҳисобот;

- рақам ва санаи хисобот;

- санаи тартибдиҳии ҳисоботи ҳуқуқвайронкуниҳо/ камбудиҳо;

- сана ва намуди чорабиние, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкунӣ/ камбудӣ гузаронида шудааст, шарҳи мухтасари он, агар ҳуқуқвайронкунӣ/камбудиҳо бартараф карда шуда бошад, муҳлати бартарафкунӣ, ҳаҷми ҷарима (агар чорабинӣ баргузор нашуда бошад, пас асосноккунии мухтасар);

- ҳангоми зарурат, дигар маълумот;

- маълумотнома оид ба натиҷаҳои чорабиние, ки барои бартараф намудани ҳуқуқвайронкунӣ/ камбудӣ гузаронида шудааст ва санаи тартиб додани он.

48. Санҷишгар феҳристи электронии санҷишҳоро тибқи Замимаи №5-и Тартиби мазкур, пас аз рақамгузорӣ намудани ҳисобот, на дертар аз се рӯзи корӣ пур мекунад.

49. Агар дар ҷараёни чорабинӣ доир ба санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ барои бартараф кардани

ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳо муҳлат муқаррар карда шуда бошад, он дар феҳристи электронии санҷишҳо нишон дода мешавад.

50. Аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳо ташкилоти қарзии молиявӣ, санҷишгар ҳисоботҳои ҷамъбастии зеринро тартиб медиҳад:

- ҳисобот дар бораи натиҷаҳои умумии санҷиш (Замимаи №1-и Тартиби мазкур);
- ҳисобот оид ба натиҷаи санҷишҳо вобаста ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ (Замимаи №2-и Тартиби мазкур);
- ҳисобот оид ба масъалаҳое, ки дар рафти санҷишҳо ошкор шуда, ҳалли фавриро талаб мекунанд (Замимаи №3-и Тартиби мазкур).

51. Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои умумии санҷиш инҳоро дар бар мегирад (Замимаи №1-и Тартиби мазкур):

- даврае, ки дар он ҳисобот тартиб дода шудааст;
- санаи пешниҳоди ҳисобот;
- ном ва насаби санҷишгаре, ки ҳисоботро таҳия намудааст;
- самтҳои санҷиш, ки вобаста ба онҳо ҳисоботи мазкур таҳия гардидааст;
- шумораи умумии ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида (барои соли ҷорӣ ва гузашта);
- шумораи камбудиҳои ошкоргардида (барои соли ҷорӣ ва гузашта);
- чорабиниҳое, ки бинобар ҳуқуқвайронкуниҳои/камбудиҳои ошкоршуда анҷом дода шудаанд;
- дигар шарҳҳо, аз ҷумла онҳое, ки бо рафъи мушкилоти назарраси муайяншуда, нақшаи чорабиниҳо барои коҳиш додани таъсири манфии ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда ва бартарафсозии минбаъда алоқаманданд.

52. Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои санҷиш аз рӯи ташкилотҳои қарзии молиявӣ пас аз ҳар санҷиш бо роҳи ҷамъбаст намудан ва таҳлили натиҷаҳои он тартиб дода мешавад. Ҳисоботи мазкур инҳоро дар бар мегирад (Замимаи №2-и Тартиби мазкур):

- даврае, ки дар он ҳисобот тартиб дода шудааст;
- санаи пешниҳоди ҳисобот;
- ном ва насаби санҷишгаре, ки ҳисоботро тартиб додааст;
- самтҳои санҷиш, ки дар натиҷаи онҳо ҳисоботи мазкур таҳия гардидааст;
- номи ташкилоти қарзии молиявӣ, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ роҳ додааст;

- чорабиниҳое, ки бинобар ҳуқуқвайронкуниҳои/камбудиҳои ошкоршуда анҷом дода шудаанд;

- пешниҳодҳои дигар, аз ҷумла вобаста ба рафъи мушкилоти назарраси ошкоршуда, нақшаи чорабиниҳо барои коҳиш додани таъсири манфии ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда ва бартарафсозии минбаъдаи онҳо алоқаманданд.

53. Ҳисобот оид ба масъалаҳое, ки дар рафти санҷишҳои фосилавӣ ошкор шуда, ҳалли фавриро талаб мекунанд, аз рӯи зарурат тартиб дода мешавад ва чунин қисматҳоро дарбар мегирад (Замимаи №3-и Тартиби мазкур):

- давраи тартиб дода шудани ҳисобот;

- санаи пешниҳоди ҳисобот;

- ном ва насаби санҷишгаре, ки ҳисоботро таҳия намудааст;

- шарҳи мухтасари мундариҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои/камбудиҳои ошкоршуда;

- номгӯи ташкилоти қарзии молиявӣ, ки ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳоро содир кардааст;

- оқибатҳои эҳтимолӣ ва таъсири манфии ҳуқуқвайронкуниҳои/ камбудиҳои ошкоршуда ба истеъмолкунандагон;

- чорабиниҳои пешниҳодшаванда;

- пешниҳодҳои дигар, аз ҷумла вобаста ба рафъи мушкилоти назарраси ошкоршуда, нақшаи чорабиниҳо барои коҳиш додани таъсири манфии ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда ва бартарафсозии минбаъдаи онҳо алоқаманданд.

54. Санҷишгар ҳисоботҳоро дар ҷузвдони дахлдор барои як давраи муайян дар шакли электронӣ ба қайд мегирад.

55. Ҳисоботҳои дар банди 50-и Тартиби мазкур пешбинишуда ба сардори Идора пешниҳод карда мешаванд.

**Замимаи №1 ба Тартиби гузаронидани санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ**

**Ҳисобот**
**оид ба натиҷаҳои умумии санҷишҳои фосилавии низоми бонкӣ**

Давраи ҳисоботӣ:_______________

Санаи пешниҳод: _______________

Номи пурраи мутахассис:__________________________________________

| Самти санҷиш | | Шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда (соли ҷорӣ / гузашта) | Шумораи камбудиҳои ошкоршуда (соли ҷорӣ / гузашта) | Чорабиниҳои татбиқшаванда | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сомона | / | / | / | / |
| 2 | Шабакаҳои иҷтимоӣ | / | / | / | / |
| 3 | Маводи иттилооти оммавӣ | / | / | / | / |
| 4 | Маводи иттилооти инфиродӣ / шахсӣ | / | / | / | / |
| 5 | Маводи воситаҳои ахбори омма | / | / | / | / |

**Замимаи №2 ба Тартиби гузаронидани**
**санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи**
**ташкилотҳои қарзии молиявӣ**

## Ҳисобот
## оид ба натиҷаҳои санҷишҳои фосилавӣ
## вобаста ба ташкилотҳои қарзӣ молиявӣ

Давраи ҳисоботӣ:_______________

Санаи пешниҳод: _______________

Ному насаби мутахассис:__________________________________________

| | Самти санҷиш | ТҚМ, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ/ камбудӣ роҳ додаанд | Чорабиниҳои татбиқшаванда | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | Номи ТҚМ | | |
| 1 | Сомона | | | |
| | | | | |
| 2 | Шабакаҳои иҷтимоӣ | | | |
| | | | | |
| 3 | Маводи иттилооти оммавӣ | | | |
| | | | | |
| 4 | Маводи иттилооти инфиродӣ / шахсӣ | | | |
| | | | | |
| 5 | Маводи воситаҳои ахбори омма | | | |
| | | | | |

**Замимаи №3 ба Тартиби гузаронидани**
**санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи**
**ташкилотҳои қарзии**
**молиявӣ**

## Ҳисобот
## оид ба масъалаҳое, ки дар рафти санҷишҳои фосилавӣ ошкор шуда, ҳалли фавриро талаб мекунанд

Давраи ҳисоботӣ:_______________

Санаи пешниҳод: _______________

Ному насаби  мутахассис:_________________________________________

<table>
<tr><td rowspan="2"></td><td>Муҳтавои мухтасари ҳуқуқвайронкуниҳо/ камбудиҳо</td><td>ТҚМ, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ/ камбудӣ роҳ додаанд</td><td rowspan="2">Оқибатҳои манфии эҳтимолӣ</td><td rowspan="2">Чорабиниҳои пешниҳодшаванда</td><td rowspan="2">Эзоҳ</td></tr>
<tr><td></td><td>Номи ТҚМ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td rowspan="2"></td><td></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td></tr>
<tr><td></td></tr>
<tr><td rowspan="2">2</td><td rowspan="2"></td><td></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td><td rowspan="2"></td></tr>
<tr><td></td></tr>
</table>

**Замимаи №4 ба Тартиби гузаронидани санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ**

## Ҳисобот дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ дар фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ

Ҳисобот №_______________________________________________

Санаи ҳисобот: ____________________________________________

Шакл ва номи ТҚМ:________________________________________

Самти санҷиш:_______________________________________________

Давраи санҷиш: аз______ то ________

Муҳтавои ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ: _________________________

Асоси ҳуқуқвайронкунӣ/камбудӣ: _____________________________

Шумораи ҳуқуқвайронкуниҳо/камбудиҳо:_____________________

Ному насаби тартибдиҳандаи ҳисобот:_____________________

Имзои тартибдиҳандаи ҳисобот: ___________________________

Замимаи №5 ба Тартиби гузаронидани
санҷиши фосилавии маълумоти нашрнамудаи
ташкилотҳои қарзии молиявӣ

## Феҳристи
## электронии санҷишҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ

| N | Шакли ташкилот | Номи ташкилот | Самти санҷиш | Навъи хизматрасонӣ | Ошкор гардид | | Ном ва насаби тартибдиҳандаи ҳисобот | Ҳисобот | | Ҳуқуқвайрон кунӣ / камбудӣ ба қайд гирифта шуд (шумора нишон дода шавад) | Чораи татбиқшудаи ҷавобгарӣ | | | Натиҷа | | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Ҳуқуқвайрон кунӣ / камбудӣ | Мухтаво | | Сана | Рақам | | Сана | Навъ | Тавсифи мухтасари чораи истифодашудаи ҷавобгарӣ | Сана | Ҳолат | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 16 | 17 | 18 |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |